# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Синну соли хурди мактабӣ вобаста ба тағйироти дар ҳаёту фаъолият ва ҷисму рӯҳи бача ба вуҷудоянда давраи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин давра бачагон ба хондану навиштан ва ҳисоб малакаҳои ибтидоиро ҳосил карда, хотира ва қобилияти мушоҳидакорию муҳокимаронии онҳо инкишоф меёбад. Муҳиммияти дигари ин давра дар он зоҳир мегардад, ки ҳавасмандии бача ба донишандӯзӣ афзуда, майлу хоҳиши ӯ ба меҳнати фикрӣ пайдо мегардад. Албатта, роҳҳои донишандӯзӣ дар синну соли хурди мактабӣ гуногун буда, ба ҳар тарз сурат мегирад, ки самаранок истифода намудан аз имконияти эҷодиёти шифоҳии халқ аз гунаи асосии он мебошад. Хонандагони хурдсол тавассути истифодаи эҷодиёти шифоҳии халқ дар ҷараёни таълим донишҳои боз ҳам навро аз худ мекунанд, ки ин омили муҳими инкишофи ҷаҳонфаҳмии онҳо мегардад. Аз ин ҷост, ки мавқеи эҷодиёти шифоҳии халқ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ сабаби интихоби мавзуи диссертатсионии унвонҷӯ Норова Зарина Исломовна гардидааст.

Ҳангоми таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ сарчашма ва маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, бо натиҷаҳо таҳқиқотҳо шинос гардида, дар асоси муҳтаво, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, муҳтавои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияро тарҳрезӣ намудааст.

Аз омӯзиш маълум гардид, ки дастгоҳи илмии диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда нисбат ба тарҳрезии кори илмӣ риоя карда шудааст. Дар диссертатсия маводи фаровон аз таҷрибаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагон тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ гирд оварда шудааст. Низоми умумии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар муҳити таълим, Асосҳои таълим ва ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ, таснифоти мазмуни эҷодиёти шифоҳии халқ дар самти ташаккул ва рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз масъалаҳои меҳварӣ дар таҳқиқоти унвонҷӯ маҳсуб дониста мешавад.

Маҳз, аз ҳамин мавқеъ унвонҷу мақсад гузоштааст, ки таҳқиқоти васеътару муфассал дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ баррасӣ гардад; мазмун ва инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони хурдсол дар раванди таълим асоснок ва муайян карда шавад; эҷодиёти шифоҳии халқ дар самти рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ асоснок карда шавад; амсилаи муносиби ҳамкории мутақобилаи оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон илман асоснок карда шавад.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар ҷараёни ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ унвонҷӯ ноил гардидааст, ки ба таври густурда ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони хурдсолро тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ таъмин намояд.

Муҳаққиқ нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба ҷойгоҳи эҷодиёти шифоҳии халқ дар донишомӯзии хонандагон омухта, таҳлил ва дар ҳамин замина аз ҷиҳати илмӣ хулосаҳои худро манзур намудааст. Ҳмзамон, мавсуф барои ба таври васеъ ҳаллу фасл намудани масъалаи таҳқиқшаванда ба тафсиру луғатҳои зиёд рӯ овардааст.

Мувофиқи хулосаи Норова Зарина Исломовна эҷодиёти шифоҳии халқ кӯдаконро ба хислату характери миллӣ, равиши зиндагӣ ва урфу одати ҷамъият, хусусияти забонӣ ва инчунин ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият шинос менамояд. Инчунин, ба туфайли фолклор, кӯдак ба олами атроф ба осонӣ ворид мешавад, ҷозибаи табиати зодгоҳи худро пурратар эҳсос мекунад, тасаввуроти мардумро дар бораи зебоӣ ва ахлоқ азхуд мекунад, бо урфу одатҳои мардумӣ шинос мешавад, ба ибораи дигар, дар якҷоягӣ бо лаззати эстетикӣ он чизеро аз худ мекунад, ки мероси маънавии халқ номиданд, ки бидуни онҳо ташаккули шахсияти комил имконнопазир аст.

Дар охир унвонҷӯ дар таҳқиқот оид ба истифодаи эҷодиёти шифоҳии халқ тавсия ва хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст, ки ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имконият медиҳад, сатҳи дониши хонандагони хурдсолро боло барад.

Хулоса, кори илмии пешниҳоднамудаи Норова Зарина Исломовна дар мавзуи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ»-ро анҷомёфта ҳисобида мешавад. Новобаста аз камбудиҳои ҷузъие, ки дар кор ба назар мерасад мазмуну муҳтавои автореферат ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва
бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров С.Ф.

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

Имзои Собиров С.Ф.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода
06.12.2024